**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 –и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиё. Рудакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Рауфӣ Абдуғаффор ба рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) пешниҳод шудааст.**

**1. Мубрамияти мавзуъи таткиқотӣ**

Ҷараёнҳои ривоҷёфтаи муносибатҳои иқтисодӣ дар ҷаҳон ва рушди талаботу шароитҳои нави хоҷагидорӣ дар ҷумҳурии мо ба миён омада, тақозо менамояд, ки дар ташаккули фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагӣ, роҳҳои нав, қоидаҳо ва усулҳои муосири идоранамоии истеҳсолотро роҳандозӣ намоем.

Таҷрибаи иқтисоди миллӣ нишон медиҳад, ки то ҳол меъёрҳои баҳодиҳии ягона ҷиҳати таъмини рақобатпазирии комплекси агросаноати (КАС) коркард нашудааст. Ҳол он, ки тадқиқи як қатор сарчашмаҳои илмӣ аз мавҷудияти ақидаҳои гуногун оид ба ин категорияи иқтисодӣ дарак медиҳад.

Ислоҳотҳои иқтисодии даврони истиқлолият, корхонаҳои хоҷагии қишлоқро ҳам аз нуқтаи назари табиати иҷтимоӣ-иқтисодӣ, молу мулкӣ ва ҳам аз нуқтаи назари хусусиятҳои сифатӣ ва микдории имкониятҳои истеҳсолии худ дучори муаммоҳои зиёде гардонид. Хусусан гузариш ба иқтисоди бозорӣ, шакли моликиятдорӣ ва идоранамоиро ба таври қатъи

тағйир дода малакаи пешбурдани фаъолияти хоҷагидориро дар шароити рақобати дохиливу берунӣ тақозо менамояд.

Ҳолати иқтисодиёти Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки ислоҳоти иқтисодии ба таъминот ва тақвияти гузариши ташкилотҳои хоҷагии қишлоқ ба шароитҳои хоҷагидории бозорӣ равонашуда, айни замон ба натиҷаҳое, ки имконпазиранд ноил нагардидааст. Аз гуфтаҳои боло ҳулоса намудан мумкин аст, ки мавзӯи интихобнамуда актуалӣ буда, пешбурди таҳқиқот дар ин самт саривақтӣ мебошад.

2. **Сатҳи асоснокии муқарароти илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои рисола**

Қисмати назариявию методологии таҳқиқоти рисола ба асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ асос меёбад, ки ба таҳқиқоти масъалаи назарияву методологияи механизмҳои такмили танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, соҳаи КАС, муайянкунии омилҳо, ҷараёнҳо ва тамоюлҳои он машғул мебошанд. Бартарии рисолаи мазкур ба ақидаи мо ин ба таври кофи коркарди асосҳои назариявии мавзуи татқиқот, сохтани консепсияву моделҳо дар асоси коркарди сарчашмаҳои бешумори оморӣ ва дигар сарчашмаҳои аввалия мебошад.

Ҳангоми тадқиқот муаллиф корҳои илмии олимон-иқтисодчиёни ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзӯи диссертатсия, интишорот дар матбуоти даврӣ, маводҳои конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ оид ба масъалаҳои такмили механизми танзими давлатии табиати рақобат ва рушди рақобатпазирии КАС, санадҳои амалкунандаи қонунгузорӣ ва маъмурӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рақобатпазирии соҳаи КАС-ро танзим менамоянд, истифод намудааст.

Аппарати методии таҳқиқотро мувофиқасозии принсипҳои дарки базавии илмӣ (таҳлили сохторӣ-функсионалӣ ва институтсионалӣ-таҳаввулотӣ) ва усулҳои умумиилмӣ (ягонагии таҳлил ва ташхис, индуксия

ва дедуксия, алоқамандии бузургиҳои миқдорӣ ва сифатӣ) ташкил менамояд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои гуногун ба монанди хулоса ва тавсияҳо, усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, усулҳои мушоҳида, гурӯҳбандӣ, таҳлили динамикӣ, таҳлили вариатсионӣ ва ғайра истифода намудааст. Ҳамаи инҳо шаҳодати сатҳи баланди асосноки ва дурустии натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф мебошанд.

**3. Сохтор ва мундариҷаи кор**

Вазифаҳои дар рисола гузоштаи муаллиф ба мақсади татқиқот мувофиқ мебошад. Сохтори гузоштани маводҳои рисола, мантиқи дуруст доранд. Хулосаю пешниҳодҳои коркард намудаи муаллиф асоснок ва дақиқ мебошанд, чунки онҳо ба усулҳои навтарини татқиқоти иқтисодӣ такя мекунанд.

Рисолаи тақризшаванда аз сарсухан се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва пешниҳодҳо ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима мубрамияти** мавзӯи диссертатсионӣ муайян карда шуда, дараҷаи коркардашавии он арзёбӣ гардидааст. Мақсад, вазифаҳо, предмет ва объекти татқиқот, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалии он баён гардидаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии масоилҳои рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ»** ҷанбаҳои инкишофи рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ (КАС) дар назария ва амалияи иқтисод, аҳамияти «танзими рақобатпазирӣ» дар комплекси агросаноатӣ, маҷмӯи омилҳои ба рақобатпазирии КАС таъсиррасонанда баррасӣ шудааст (саҳ. 13-72).

Дар параграфи аввал, оид ба ҷанбаҳои назариявии идораи рақобатпазирӣ дар коплекси агросаноатӣ ақидаҳои олимону дохиливу хориҷӣ – Кейнс Ҷ.М., Лернер А., Маршалл А., Миль Ҷ., Портер Ф., Рикардо Д., Робинсон Ҷ., Смит А., Эрхард Л., Хайек Ф., Хайнс П., Шумпетер И. (С. 13-

34) ва дигарон таҳлил намуда, ақидаи муаллифиро дар бораи такмили идораи рақобатпазирӣ дар коплекси агросаноатӣ  пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар қисми аввали параграфи 2-юм ба масъалаҳои аҳамияти «танзими рақобатпазирӣ» дар комплекси агросаноатӣ (С. 34-56) руй оварда, вазифаҳо ва хусусиятҳои хоси корхонаҳои КАС-ро ошкор намуда, аҳамияти равиши синергитикро асоснок намудааст.

Бартарияти ин тадқиқот ҳамзамон аз он  иборат аст, ки дар параграфи 3-юм муаллиф, маҷмӯи омилҳои таъсиррасонанда ба рақобатпазирии КАС-ро таҳлил намуда, омилҳои мушаххаси таъсиррасонанда ба КАС-ро ошкор намуда, ҳолати гардиши савдои хориҷиро таҳқиқ намуда, низоми тавсифоти рақобатпазири гуруҳбандӣ намуда, пешниҳодҳо ҷиҳати кам кардани таъсири омилҳо барои рушди рақобатпазирии корхонаҳои КАС таҳия намудааст (С. 56-76).

**Дар боби дуюм «Баҳодиҳии рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои система ва меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, методикаи баҳодиҳии рақобатпазирии КАС ва ҳолати муосири сатҳи рақобатпазирии КАС мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст (саҳ. 73-128).

Дар параграфи 1-уми боби 2-юм, система ва меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, аз ҷониби муаллиф, ошкор карда шуд, *ки* мутаасифона ҳиссаи зиёди (зиёда аз 60%) маҳсулоти хӯроквории, ки дар ҷумҳурӣ истеъмол мешаванд, воридотӣ буда, *меъёри худтаъминкунӣ* - ҳиссаи маҳсулоти хӯроквории, ки КАС - и минтақа дар ҳаҷми умуми маҳсулоти хурокворӣ, дар ҷумҳурӣ дар давоми сол, истеҳсол намудааст, кифоят намекунад; инчунин м*уайян гардид, ки* истиқоматкунандагони деҳот низ аз норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ азоб мекашанд. Вобаста ба ин м*еъёри истеъмолӣ* -меъёрӣ сатҳи истеъмоли воқеъии хӯроквории истиқоматкунандагони кишварро нисбат ба меъёрҳои муқараркардаи

ташкилотҳои тандурустии давлатӣ ва байналмилалӣ, вайрон шуда истодааст; *Ошкор карда шуд, ки д*ар Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳсолаҳои охир вобастагии зиёди маҳсулоти гӯштӣ ва ширӣ дорад. Зимни т*аҳлилҳо муайян шуд, ки зиёда аз 50%-и аҳолии фаъоли иқтисодӣ ба ҷойи кори доимӣ таъмин нестанд, ки дар ин маврид, меъёри шуглмандии аҳолӣ* - ҳиссаи аҳолии веқеъан дар истеҳсолоти масолеҳи кишоварзӣ машғул будаи минтақа нисбат ба шумораи умумии қобили кории аҳолии қишлоқ вайрон гардидааст (С. 77-92).

Дар параграфи дуюм бошад, методикаи баҳодиҳии рақобатпазирии КАС таҳқиқ гардида, дар асоси таҳлили экспертӣ формулаву таблитсаҳо усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирӣ гуруҳбандӣ шудааст (С. 92-107).

Дар параграфи сеюми боби дуюм бошад, ҳолати муосири сатҳи рақобатпазирии КАС таҳқиқ гардида, таҳлили динамикаи КАС нишон дод, ки дар давраи таҳлилшванда истеҳсоли шир ва гӯшт суст вусъат ёфта истода аст. Нисбат ба истеҳсоли ғалладонагӣ чун пояи истеҳсолоти хоҷагиҳои кишоварзӣ, маврид ба зикр аст, ки ҳоло таъсири омилҳои иқлимӣ дар ин соҳа назаррас мебошад. Сатҳи таъмини хӯрока нисбат ба меъёрҳои тавсияшаванда танҳо 82%-ро ташкил мекунад. Махсусан ҳолати ногувор дар таъмин будан бо маводи ғизогии аз масолеҳи чорво омода мегардида ба қайд гирифта шуда аст (С. 107 – 136). Дар маҷмуъ дигар ҷанбаҳои ҳолати мазкурро, муаллиф дар ин параграф мавриди таҳлил қарор дода, тамоюлҳои мусбиву манфии онро ошкор ва ҷиҳати такмили онҳо пешниҳодҳои асоснок намудааст.

**Дар боби сеюм «Роҳҳои баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** тамоюлҳои асосии инкишофи рақобатпазирӣ дар КАС, рақобатпазирии самаранок истифода кардани заминҳои кишоварзӣ ва механизми баландбардории рақобатпазирӣ дар КАС таҳқиқ карда шудааст (саҳ. 129-178).

Муаллиф дар параграфи якум тамоюлҳои асосии инкишофи рақобатпазирӣ дар КАС - ро баррасӣ намуда, сатҳи худтаъминкунӣ ва маблағгузории КАС-ро, ошкор намуда (С. 137-153 ), муайн карда шудааст, ки ҳиссаи хароҷотҳо ба соҳаи кишоварзӣ, дар соли 2018 нисбати соли 1991 ба 7% ва нисбати соли 2017 ба 3% кам шудааст. Вобаста ба ин пешниҳодҳо барои зиёд намудани дастгирии давлатӣ таҳия гардидаанд.

Дастоварди мухимми дигари муаллиф, ин дар параграфи дуюми боби сеюм овардани рақобатпазирии самараноки истифодабарии заминҳои кишоварзӣ (С. 154-167), таҳлилҳо дар асоси усули индексӣ тағйирёбии ҳосилнокии миёнасолонаи маҳсулотҳои КАС, гузаронида шуда, инчунин омилҳои таъсиррасонанада муайян карда шуда, афзуншавӣ (камшавии) ҳаҷми истеҳсол ва вазни қиёсии омилҳои ба он таъсиррасонанда ошкор карда шудаанд

Дар параграфи сеюм, механизми баландбардории рақобатпазирӣ дар КАС баррасӣ намуда, механизмҳо коркард ва модели таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали пешгуии вобастагии рушди маблағгузории соҳаҳои КАС бо зиёдшавии ММД таҳия гардид, ки тибқи натиҷаи он дар ҳолати ба аз 15-20% зиёд кардани маблағгузории соҳаҳои КАС-и ҷумҳурӣ дар соли 2020, ҳаҷми ММД-и кишвар ба 12% боло меравад коркард шуданд(С. 167-189).

Дар хулоса натиҷаи тадқиқот ва пешниҳодҳои асосноку илмии рисола оварда шудаанд, ки тадбиқи онҳо ҷиҳати такмили механизмҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ ва рушди дигар соҳаҳои хоҷагии халқро таъмин менамоянд.

**4. Эътимоднокии баёнияҳои илмӣ, хулосаю пешниҳодҳои дар рисола овардашуда**

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводҳои таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва

мақолаҳо исбот карда мешавад. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

**Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатии хоҷагии қишлоқ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи рисола санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди рақобатпазири КАС, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодӣ ва танзими самаранокии идоракунии онҳо ва ғайра истифода шуданд.

Заминаи иттилоотии таҳқиқот маълумотҳои оморӣ ба ҳисоб меравaнд, ки онҳо рушди рақобатпазирии КАС-ро дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои алоҳидаи он тавсиф дода, дар маҷмӯаҳои оморӣ ва ҳисоботҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институтҳои илмӣ-таҳқиқотии соҳавӣ нашр гардидаанд. Инчунин ба сифати иттилоот маводҳои ҷамъ намудаи муаллиф оид ба сохторҳои таҳқиқшавандаи хоҷагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 08.00.05 - Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ (менеҷмент) гузаронида шудааст, ки дар доираи шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба бандҳои: 10.4 - Сиёсати давлатӣ, механизм, метод ва технологияи таҳия ва татбиқи он; 10.8 - Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес ва 10.5. Рақобатпазирии бизнес мувофиқат мекунад.

Объективӣ будани усулҳои татқиқот, эътимоднокии базаи назариявӣ ва методологӣ, истифодабарии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ истифодабарии

маълумотҳои оморӣ ва инчунин аз озмоиш гузаронидани натиҷаи таткиқот эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаю баёнияҳо ва пешниҳодҳои дар рисола овардашударо тасдиқ менамояд.

**5. Навгонии таткиқот ва хулосаҳои ба дастомадаи дар рисола оварда шуда**

***Навгонии илмии таҳқиқот*** аз таҳияи консепсияи назариявию методологии идораи баландбардории рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти танзими таъсири омилҳои сиёсӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ иборат мебошад.

**Дастовардҳои илмии нисбатан муҳиме, ки муаллиф мустақиман ба онҳо ноил гардида, ба ҳимояи ошкоро пешниҳод мешаванд, аз инҳо иборатанд:**

1. Таҳовуллоти назариявии рақобатпазириро баррасӣ намуда, ақидаи муаллифӣ пешниҳод, шуд, ки рақобатпазирӣ чун категорияи иқтисодӣ, муносибатҳоро байни иштироккунандагони такрористеҳсоли ҷамъиятӣ дар хусуси рақобат ҷиҳати бадастории натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти мувофиқ, ифода мекунанд;

2. Меъёрҳои баҳодиҳии рақобатпазирии КАС, дараҷаи бехатарии озуқаворӣ ва устувории иҷтимоиро дар ҷумҳурӣ ошкор ва асоснок карда шудаанд, аз ҷумла: методикаи амалинамоии мониторинги рақобатпазирӣ, ҳамчун асоси идоракунии амалии баландбардории рақобатпазирии КАС коркард шудааст; механизми баландбардории рақобатпазирии КАС коркард шудааст; дар асоси мувофиқатии ҷараёнҳои ташкил ва худташкил самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС пешниҳод гардидааст;

3. Мавқеи умумии стратегӣ дар масъалаҳои рушди хоҷагии қишлоқ ва соҳаҳои ба саноат мувофиқ муайян карда шуд, ки он баҳисобгирии шароитҳои табиӣ-иқлимӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва устувории иҷтимоии ҷумҳурӣ равона шудааст;

4. Омилҳои амалинамоии сармоягузориҳо ба истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ошкор карда шуданд, ки хусусиятҳои рақобатпазирии КАС – ро инъикос менамоянд, инчунин ба рушди ММД-и ҷумҳурӣ боис мегарданд;

5. Муайян карда шуд, ки ҳангоми муносибгардонии мувофиқии шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқии хоҷагидорӣ, ба назар гирифтани мавқеъи ҷойгиршавӣ ва тахассуси истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ нақши муҳим дорад. Вобаста ба ин муаяйн карда шуд, ки ҳамчун самти асосии рақобатпазирии КАС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои самаранокии истеҳсолот баромад мекунанд, ки миёни онҳо маҳсулнокии чорво ва ҳосилнокии зироатҳо мақоми хосро доро мебошанд;

6. Модели вобастагии баландбардории рақобатпазирии КАС аз маблағгузории соҳаҳои КАС ва ММД таҳия карда шуда, муайян карда шуд, ки механизм ва самтҳои асосии баландбардории рақобатпазирии КАС метавонанд асоси рушди устувори иқтисодии Тоҷикистон гарданд, дар ҳолате, ки соҳаҳои он танзими саривақтӣ гузаронида шавад. Хусусан, дар самти таъмини соҳаҳои КАС бо маблағгузории дохиливу хориҷӣ, шароити мусоид барои рушди онҳо фароҳам мешавад.

***Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, аз*** имконияти истифодабарии натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот барои таъмини рақобатпазирии комплекси агросаноатӣ, ҳамчун яке аз субъектҳои асосии иқтисодиёт, ки дар шароити муосири рақобатнокӣ амал намуда, ноилшавии ҳамаи нишондиҳандаи иқтисодӣ фоидаи зиёдро таъмин намуда, инчунин ба ҳалли тамоми комплекси масъалаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ дар ҷамъияти муосир равона шудааст.

6. **Камбудиву норасоиҳои рисола.**

Дар баробари бартариҳои номбаршуда рисолаи номзадӣ аз камбудиҳои муайян низ холӣ нест, ки ба як қисми онхо бояд таваҷуҳ зоҳир намоем.

1. Беҳтар мешуд муаллиф оид ба масъалаи ҷабҳаҳои назариявиву методологии мавзуъи мазкур васеътар истода мегузашт, аз ҷумла: таҳлили таҷрибаи муосири истифода ва танзими давлатии рақобатпазирии КАС дар давлатҳои тараққикардаи иқтисодӣ, таҷрибаи ФАО ва назарияҳои муосири рушди ин соҳа;

2. Муаллиф ба асарҳои олимони ватанӣ оид ба таҳлили ташаккулу танзими давлатии рақобатпазирии КАС кам таваҷуҳ зоҳир намудааст. Агар аз махзанхои миллӣ муаллиф истифода менамуд ба ақидаи мо кор нисбатан беҳтар мегардид;

3. Ба ақидаи мо агар муаллиф ба масъалаи такмили механизмҳои рушди бозори меҳнати дохилии таъмини рақобатпазирии соҳаи КАС, аз ҳисоби рушди соҳаҳои хоҷагии қишлоқ таҳқиқ ва пешниҳодҳо менамуд сифати тахкикоти анчомдодашуда хубтар мегардид;

4. Зимни баррасии танзими давлатии рақобатпазирии КАС, масъалаҳои танзими андозии рақобатпазирии КАС хусусан кам кардани гаронии андозҳо ба соҳаи мазкур баррасӣ нагардидаанд;

5. Таҳлилу тавсияҳои пешниҳодшудаи муаллиф, бо ҳисобҳои математикӣ, хусусан пешгӯиҳо ва дурнамо дар муқоиса бо стратегияву барномаҳои мавҷуда баррасӣ нашудаанд;

6. Дар таҳқиқотҳои минбаъда, хуб мешуд механизмҳои танзими давлатии ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ, дар мисоли соҳаҳои КАС васеътар таҳлил карда шавад;

7. Рисолаи номзадӣ дорои хатогиҳои имлоӣ ва стилистикӣ мебошад, ки ислоҳот талаб мекунад.

**7. Хулоса оид ба мутобикати диссертации ба талаботхои мукарарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Рисолаи номзадӣ дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ-квалификатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дорад.

Автореферати рисолаи номзадӣ, мақолаҳои чопнамудаи муаллиф мақсад ва мухтавои рисолаи диссертатсиониро пурра нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ рисолаи номзадии пешниҳодшуда дар мавзӯи “Танзими давлатии рақобатпазирӣ дар комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани рисолахои номзади ҷавобгу буда, худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иктисодӣ аз руи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар хоҷагии халқ: (менеҷмент) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ**
**ва байналмилалии Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Абдуғаффор Рауфӣ**

**Суроға: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч.Н.Қарабоев, 63/3**
**Телефон: 234-09-07, E-mail:** eco_institute@mail.ru

**Имзои А. Рауфиро тасдиқ мекунам:**
**Мудири ШК ва КМ Донишгоҳи**
**технологии Тоҷикистон** **Н.А.Бухориев**

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН • ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА • ШУЪБАИ КАДРҲО • ОТДЕЛ КАДРОВ